# МУКОЛАМА БАРОИ РУШД №2

## Мавзуъ: Идомаи мулоқоти намояндагони мақомоти ҷумҳурӣ бо соҳибкорон

**Мавзуъҳои ин нашр:**

- **Мулоқот бо соҳибкорони шаҳрҳои Роғуну Ваҳдат ва ноҳияҳои Файзободу Варзоб**
- **Мулоқот бо соҳибкорони минтақаи Рашт**
- **Мулоқот бо соҳибкорони ВМКБ**

Тавре қаблан дар нахустнашри "Муколама барои рушд» иттилоъ дода шуда буд, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон мухтарам Давлаталӣ Саид рӯзҳои 13 феврали соли 2016 бо соҳибкорони шаҳрҳои Ҳисору Турсунзода ва ноҳияҳои Шаҳринаву Рудакӣ, 19 феврал бо соҳибкорони вилояти Хатлон ва 26 феврал бо соҳибкорони вилояти Суғд мулоқот баргузор намуд.

Давраи навбатии мулоқоти намояндагони мақомоти ҷумҳурӣ бо соҳибкорон дар як қатор минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ, аз ҷумла 2 март бо соҳибкорони шаҳрҳои Роғуну Ваҳдат ва ноҳияҳои Файзободу Варзоб, 3 март бо соҳибкорони минтақаи Рашт ва 4 март бо соҳибкорони ВМКБ доир карда шуд.

### Мулоқот бо соҳибкорони шаҳрҳои Роғуну Ваҳдат ва ноҳияҳои Файзободу Варзоб

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон мухтарам Давлаталӣ Саид зимни мулоқот бо соҳибкорони шаҳрҳои Роғуну Ваҳдат ва ноҳияҳои Файзободу Варзоб қайд намуд, ки бо ибтикору дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор намудани вохӯриву мулоқотҳо бо соҳибкорону сармоягузорон ба ҳукми анъана даромада, дар ин замина, сатҳи муколамаи давлату бахши хусусӣ ба дараҷаи сифатан нав бароварда мешаванд.

Дар муносибат ба фарорасии фасли баҳор, оғози кишту кор, ҷашнҳои Рӯзи Модар ва Наврузи хуҷастапай мухтарам Давлаталӣ Саид ба аҳли нишаст ва тамоми мардуми заҳматкаши шаҳрҳои Ваҳдату Роғун, ноҳияҳои Файзобод ва Варзоб табрик арз карда, барору комёбиҳо тамнно намуд.

Сипас, фаъолияти соҳибкорӣ, равандиислоҳот дар самтҳои гуногуни соҳибкорию сармоягузорӣ, таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шуд.

**Маълумотнома оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, раванди дастгирии самтҳои гуногуни соҳибкорию сармоягузорӣ**

**Аз шумораи умумии субъекти соҳибкории фаъолияткунанда дар миқёси ҷумҳурӣ 275 653 субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 32 380 субъект ва ё 11,7 фоиз зиёд мебошад.**

**Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ба маблағи 11 млрд. 216 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст, ки ин нишондиҳанда 12,3 фоиз нисбат ба соли 2014-ум зиёд мебошад.**

**Ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2015 аз ҳисоби Буҷети давлатӣ 70,0 млн сомонӣ ҷудо гашта, ба 21 субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми 36,2 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Инчунин ҷудо намудани 120 млн. сомонӣ дар соли 2016 ба нақша гирифта шудааст.**

Тавре қайд гардид, аз шумораи умумии субъекти соҳибкории фаъолияткунанда дар миқёси ҷумҳурӣ дар шаҳри Ваҳдат 10 929 субъект, ки нисбат ба соли 2014, 10,9 фоиз зиёд аст, ноҳияи Файзобод 3 670 субъект, нисбат ба соли 2014, 6,6 фоиз зиёд, шаҳри Роғун 1 309 субъект нисбат ба соли 2014, 3,7 фоиз зиёд, ноҳияи Варзоб 1 268 субъект нисбат ба соли 2014, 8,5 фоиз зиёд фаъолият доранд.

Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ба шаҳри Ваҳдат 140 миллиону 959,9 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 33 миллиону 220,2 ҳазор сомонӣ, шаҳри Роғун 7 миллиону 332,5 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 33 миллиону 742,7 ҳазор сомонӣ қарзҳо ҷудо карда шудааст.

Аз лоиҳаҳои дастгиринамудаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2015, 4 лоиҳа ба маблағи 2 миллиону 960 ҳазор сомонӣ ба шаҳри Ваҳдат, 2 лоиҳа ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Файзобод ва 2 лоиҳа ба маблағи 900 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Варзоб рост меояд.

Дар даврони Истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд. Вобаста ба ин:

- дар шаҳри Ваҳдат 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, ки дар доираи онҳо 2,93 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст;
- дар ноҳияи Файзобод 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, ки дар доираи онҳо 1,3 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст;
- дар шаҳри Роғун 2 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, ки дар доираи онҳо 228,5 ҳаз. доллари ИМА аз худ карда шудааст;
- дар ноҳияи Варзоб 2 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, ки дар доираи онҳо 20,4 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст.

## Мулоқот бо соҳибкорони минтақаи Рашт

Дар ноҳияи Нуробод санаи 3 март мулоқоти Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муҳтарам Қодири Қосим бо соҳибкорони ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тавилдара, Тоҷикобод ва Ҷиргатол баргузор гардид. Нахуст муҳтарам Қодири Қосим оид ба мунтазам фароҳам оварда шудани шароити таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати таъмини рушди соҳибкорӣ дар мамлакат, ки аз ташаббускориҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, ибрози назар намуд.

Ҳамчунин, дар баромади худ муҳтарам Қодири Қосим роҷеъ ба натиҷаҳои ислоҳоти амалигардида, равандҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Рашт ва натиҷаи бадастовардаи онҳо, таҳкими муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ ва дигар паҳлуҳои масъалаҳои соҳибкорӣ мулоҳизаронӣ намуд.

Оид ба фаъолияти соҳибкории минтақа ва корҳои амалигардида дар ин самт қайд гардид, ки аз шумораи умумии субъектҳои фаъолияти соҳибкории ҷумҳурӣ 964 субъект ба ноҳияи Нуробод, ки нисбат ба соли 2014 2,0 фоиз зиёд аст, 3 005 субъект ба ноҳияи Рашт нисбат ба соли 2014 16,6 фоиз зиёд, 1 076 субъект ба ноҳияи Тоҷикобод нисбат ба соли 2014 29,2 фоиз зиёд, 1 887 субъект ба ноҳияи Ҷиргатол нисбат ба соли 2014, 11,5 фоиз зиёд, 613 субъект ба ноҳияи Тавилдара, ки нисбат ба соли 2014, 12,2 фоиз зиёд аст, рост меояд,

Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ба ноҳияи Нуробод 5 миллиону 784 ҳазор сомонӣ, ба ноҳияи Рашт 25 миллиону 557,7 ҳазор сомонӣ, ба ноҳияи Тоҷикобод 7 миллиону 740,9 ҳазор сомонӣ, ба ноҳияи Ҷиргатол 10 миллиону 439,4 ҳазор сомонӣ, ба ноҳияи Тавилдара 4 миллиону 871,2 ҳазор сомонӣ қарзҳо ҷудо карда шудааст.

Аз лоиҳаҳои дастгиринамудаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2015 аз ҳисоби Буҷети давлатӣ, 3 лоиҳа ба маблағи 1 миллиону 550 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Нуробод, 2 лоиҳа ба маблағи 840 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Тоҷикобод ва 1 лоиҳа ба маблағи 125 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Тавилдара рост меоянд.

Дар даврони Истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ корҳои назаррас ба сомон расонида аз ин ҳисоб:- дар ноҳияи Нуробод 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва дар доираи онҳо 1,3 млн. доллари ИМА, дар ноҳияи Рашт 5 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва дар доираи онҳо 3,3 млн. доллари ИМА, дар ноҳияи Ҷиргатол 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 36,7 ҳаз. доллари ИМА, дар ноҳияи Тавилдара 2 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва дар доираи онҳо 134,8 ҳазор доллари ИМА аз худ карда шудааст.

**Мулоқот бо соҳибкорони ВМКБ**

Дар мулоқоте, ки бо соҳибкорони ВМКБ дар шаҳри Хоруғ баргузор гардид, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муҳтарам Қодири Қосим иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат таъкид намуда, натиҷаҳои дастовардҳои назаррасро вобаста ба масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ ба ин раванд марбут арзёбӣ намуд.

Вобаста ба фаъолияти соҳибкории минтақа ва корҳои амалигардида дар ин самт қайд гардид, ки аз шумораи умумии субъектҳои фаъолияти соҳибкории ҷумҳурӣ 3 997 субъект ба ВМКБ рост меояд, ки нисбат ба соли 2014, 2,3 фоиз зиёд аст.

Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ба ВМКБ ба маблағи 126078,4 ҳазор сомонӣ қарзҳо ҷудо карда шудааст.

Аз ҳисоби лоиҳаҳои дастгиринамудаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2015 дар маҷмуъ 16 лоиҳа ба маблағи 8 миллиону 534 ҳазор сомонӣ ба ВМКБ рост меоянд.

Аз давраи касб намудани истиқлолият, Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ корҳои назаррас ба сомон расонида, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон айни замон 6 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи онҳо 25,3 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст.

Дар мулоқотҳои рузҳои 2-4 март баргузоргардида аз тамоми соҳибкорон даъват ба амал оварда шуд, ки барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, истеҳсоли ҳарчӣ бештари маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазир, дарёфти фишангҳои нави иқтисодӣ барои ба бозорҳои ҷаҳонӣ баровардани маҳсулоти ватанӣ саъю талошварзиҳо намоянд.

Дар маҷмуъ, дар ҳамаи мулоқотҳо аз ҷониби соҳибкорон масъалаҳои дастрасии васеъ ва захираҳои қарзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, боз ҳам соддаву осон намудани чораёни воридоту содирот ва транзити молу маҳсулот, соддагардонии бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, маъмурикунонии андоз, осон намудани расмиёти ҷудокунии қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва содироти он, таъмини субъектҳои хоҷагидор бо низоми мунтазами қувваи барқ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат ва дигар масъалаҳои мубрами рушди соҳибкориву сармоягузорӣ матраҳ карда шуданд.

Дар мулоқотҳо инчунин роҳбарон ият ва намояндагони як қатор вазорат ва идораҳои дахлдор, аз ҷумла Кумитаи давлатии сармоягузорӣ

ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, Кумитаи заминсозӣ ва геодезӣ, Агентии “Тоҷикстандарт”, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дигарон иштирок намуданд.

Бо эҳтиром,
Кормандони Котиботи Шурои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар
намудани фазои сармоягузорӣ